# Барои у кори даромад ноке пешниҳод кардан, ки иборат аз хубу аъло намудани сифати гушти хук аст

**[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]**

**Муҳаммад Солиҳ ал-Мунаҷҷид**

Тарҷумаи : Билолуддини Бадруддин

2009 - 1430

islamhouse.com

# ﴿ معروض عليه عمل مغرٍ في مجال تطوير نوعية لحم الخنزير ﴾

« باللغة الطاجيكية »

محمد صالح المنجد

مترجم : بلال الدين بدر الدين

2009 - 1430

islamhouse.com

Савол

Яке аз ширкатҳо як кори бисёр хуб ва олиеро бароям пешниҳод кард, ки ин кор иборат аст аз баҳс ва ҷустуҷуи ҷанинҳои хукҳо дар лабараторияи ширкат , ва ҳадаф аз ин баҳсҳо босифати хубтар интоҷ кардан ( яъне зиёд кардани адади хукҳо) ва барои фуруш ба бозор баровардан аст. Яъне асоси музди моҳонаи ман аз он пуле ки мардум аз гушти хук харидори мекунанд, мебошад, ва ин гушт дар шариати мо ҳаром аст.

Ва саволам ин аст : Оё ин моле ки аз ин кор ба дастам меояд ҳалол аст? Ва оё ман ин корро қабул кунам ё не?

Ҷавоб :

Гушти хук бар мусалмон ҳаром аст, чуноне ки Худованд мефармояд :

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ قُل لَّآ أَجِدُ فِي مَآ أُوحِيَ إِلَيَّ مُحَرَّمًا عَلَىٰ طَاعِمٍ يَطْعَمُهُۥٓ إِلَّآ أَن يَكُونَ مَيْتَةً أَوْ دَمًا مَّسْفُوحًا أَوْ لَحْمَ خِنزِيرٍ فَإِنَّهُۥ رِجْسٌ أَوْ فِسْقًا أُهِلَّ لِغَيْرِ ٱللَّهِ بِهِۦ ۚ فَمَنِ ٱضْطُرَّ غَيْرَ بَاغٍ وَلَا عَادٍ فَإِنَّ رَبَّكَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿١٤٥﴾ ﴾ الأنعام: ١٤٥

"Бигӯ: «Дар миёни он чӣ бар ман ваҳй шудааст, чизеро, ки хӯрдани он ҳаром бошад, хурдани он бар хуранда, магар он ки, (он ҳайвон)худмурда бошад, ё хуни забҳ (рехта шуда аз гулуи ҳайвон), ё гушти хук, пас яқинан ҳаром аст, ё он чи фисқ (нофармонӣ) бошад, ки ба ғайри номи Худо забҳ шуда, пас ҳар ки

дармондаву ночор ба хурдан гардад (бихурад аз ин ҳаромҳо) ғайри таҷовуз кунанда (ҳамон миқдоре ки аз гушнаги намирад) ҳамоно Парвардигори ту омурзандаву меҳрубон аст".

Ва ин чунин хариду фуруши он ҳаром аст, чуноне ки Паёмбр мефармояд :

عن جابر بن عبد الله – رضى الله عنهما – : أنه سمع رسول الله – صلى الله عليه وسلم – يقول عام الفتح وهو بمكة: { إن الله ورسوله حرم بيع الخمر والميتة والخنزير والأصنام، فقيل: يا رسول الله، أرأيتَ شحوم الميتة؛ فإنها تُطلى بها السفن وتدهن بها الجلود ويَستصبح بها الناس، فقال: لا، هو حرام، ثم قال رسول الله – صلى الله عليه وسلم – عند ذلك: قاتل الله اليهود إن الله تعالى لما حرم عليم شحومها جَمَلوه، ثم باعوه فأكلوا ثمنه }. رواه البخاري ( ٢١٢١ ) ومسلم ( ١٥٨١ ).

Яъне аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ ирвоят шудааст ки гуфт : Аз Паёмбар дар соли фатҳи Макка шунидам ки мегуфт :"Худованду Паёмбараш фурухтани арақ, худмурда, ва хуку бутҳоро ҳаром гардонидааст".
Касе ба Паёмбар гуфт : Эй Расули Худо дар мавриди чарбуи худмурда, ки мардум аз он дар сохтани киштиҳо, ва равған додани пустҳо, ва рушан кардани чароғҳо истифода мекунанд чи мегуед? Паёмбар гуфт :" На, ҳаром аст " баъди ин суханаш Паёмбар гуфт:" Худованд лаънат кунад Яҳудиҳоро, вақто ки Худованд чарбуи худмурдаро бар онҳо ҳаром гардонид, равғанашро об карда гирифтанд, сипас уро фурухта, пулашро хурданд".ривояти Бухори ҳадиси 2121 ва Муслим 1581
Ва ҳар чизеро ки Худованд ҳаром гардондааст бешак пули он ҳам низ ҳаром аст, ва ин чунин василае ки далолат ба ҳаром мекунад ҳаром мебошад, пас василаҳо низ ҳукми худро доранд, ва барои мусалмон

ҷоиз нест ки як фосиқро барои фосиқиаш кумак бикунад, балки барои мусалмон воҷиб қадри тавоноияш ки байни он шахс (фосиқ) ва фисқаш дури ва ҷудоги биандозад, ва онро аз ин кор манъ намояд, на ин ки барои онҳо ин кори ҳаромро хуб ва ба дараҷаи аъло анҷом бидиҳад, ва бар ҳаром пешравие бикунад.

Оё мехоҳи сабаби неку нишондодан ва зиннат додани чизҳои ҳаром боши, ва дар паҳн шудани ҳаром ва хурдани он ёри расон боши?

Ба фикри ман ҷавоб медиҳи : Ба Худо паноҳ мебарам, ман барои нафсам рози намешавам, магар ончизеро ки холиқи вай барои у рози шавад, ва дар амалҳои ботилкор нахоҳам кард, агар чанде бароям моли зиёде ҳам бидиҳанд, ва ризқи ман дар дасти Худост.

Пас кори дигаре ҳалол барои худ пайдо кун ки аз ин гуна ҳаромҳо дур боши, Дуо мекунем ки Худованд ҳамаи моро ризқи ҳалолу бобаракат насиб кунад, ва аз ҳаромҳо нигоҳ дорад, ва дар ивази тарк карданамон аз ин ҳаромҳо бо ҳалолҳои худ ғани гардонад. Омин